# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз рӯи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

**Парвандаи аттестатсионии № 3**
**Қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 08.10.2022, протоколи № 3.3**

Барои сазовор донистани Файзиева Дилноза Изатуллоевна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ

Диссертатсияи "Иқтидори саноатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба ҳимоя санаи 1 июни соли 2022 қабул карда шуд, протоколи № 3.1-и шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-13 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, мкр-н 17, биноии 1), ки бо фармоиши раиси КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №10/шд аз 07.01.2022 таъсис ёфтааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Файзиева Дилноза Изатуллоевна, санаи таваллуд 18 марти соли 1985, соли 2007 Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуровро хатм намудааст, дар вазифаи муаллими кафедраи технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти ҳамин донишгоҳ фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исмоилов Мамараҳим Мирзораҳимович, профессори кафедраи назарияи иқтисодии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

Муқарризони расмӣ: Каримова Мавзуна Тимуровна, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири шӯъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Раҳмонов Ҷалолиддин Равшанқулович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

Муассисаи пешбар: Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон (ш. Бӯстон). Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи раиси ҷаласа, мудири кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ Облоқулов В.М., котиби ҷаласа, омӯзгори калони кафедра

Раҳматов А.А., эксперт, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедра Саидов М.К. имзо шудааст ва аз тарафи ректори Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ тасдиқ гардидааст, қайд шуд, ки кори диссертатсионӣ кори мустақилона ва ба анҷом расида мебошад, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст, барои дарёфти дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқат мекунад ва муаллифи он Файзиева Д.И. сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 12 адад мақолаи илмӣ, аз ҷумла дар маҷаллаҳои тақризшаванда 5 мақола чоп кардааст.

**Номгӯйи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамояд:**

1. **Файзиева Д.И.** Мавқеи омили инсонӣ дар ҷараёни саноатикунонии босуръати иқтисодиёти минтақа (Матн)/ Д.И. Файзиева // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. МДТ "ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров". – 2020. - №1(52). – С.156-159.

2. **Файзиева Д.И.** Принсипҳои татбиқи равандҳои инноватсионӣ дар саноатикунонии босуръати иқтисодиёти минтақа (Матн)/ Д.И. Файзиева // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. МДТ "ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров". – 2020. - №1(52). – С.160-164.

3. **Файзиева Д.И.** Истифодабарии иқтидори индустриалии вилояти Суғд (Матн)/ Д.И. Файзиева // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. МДТ "ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров". – 2021. - №1(56). – С.98-103.

4. **Файзиева Д.И.** Самаранок истифодабарии иқтидори саноатӣ ва боздеҳи фондҳои корхонаҳои вилояти Суғд (Матн)/ Д.И. Файзиева // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. МДТ "ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров". – 2022. - №1(60). – С.128-134.

5. **Файзиева Д.И.** Анализ промышленного потенциала в экономике Согдийской области Республики Таджикистан (Матн)/ Д.И. Файзиева / М.М. Исмоилов, Ш.М.Исмоилов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. –Душанбе, 2022.- №3 (42).

6. **Файзиева Д.И.** Перспективы развития Согдийской области Республики Таджикистан на основе реализации промышленного потенциала региона (Текст)/ М.М. Исмоилов, Д.И. Файзиева // Монографияи коллективӣ дар асоси маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии «Региональная экономика: вызовы глобальной трансформации XX1 века». – Ростов-на Дону, ЮФУ, 2022. - С.113-121.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд:**

1. **Ҷӯрабоев Ғафурҷон Ҷӯрабоевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо эроди зерин: Хулосаи муаллиф оид ба таъсири пандемияи COVID – 19 ба ҳолати истифодабарии иқтидори саноатии вилоят бо таҳқиқи маълумоти оморӣ асоснок карда нашудааст.

2. **Аминов Иномҷон** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд: 1) 4 роҳҳои баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаи саноатии минтақаро пурратар таҳлил намудан мазмуни рисоларо ғанитар мегардонид; 2) Таъсири омилҳои гуногун ба самаранок истифодабарии иқтидори саноатии минтақа нишон дода нашудааст.

3. **Аскеров Низами Садитдинович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти сиёсии факултети иқтисодии Муассисаи федералии давлатии бюджетии таълимии "Донишгоҳи давлатии Доғистон" "Донишгоҳи давлатии Доғистон" (бо забони русӣ) бо эроди зерин: Дар рисола имкони ҳисоббарорӣ ва муқоисаи хароҷотбарории фондҳои иқтидори саноатӣ ва соҳаҳои дигарро амалӣ кардан мавҷуд буд.

4. **Неъматов Илҳомидин Усмонович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо эроди зерин: Дар автореферат, қайд шудааст, ки алгоритми ташкилёбии иқтидори саноатии минтақа ва механизми самаранок истифодабарии иқтидори саноатии минтақа коркард шудааст, лекин дар автореферат нишон дода нашудааст.

5. **Шарифов Тақдир Абдулмаҷидович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон бо эроди зерин: қимати рисола боз ҳам зиёд мешуд, агар муаллиф методикаи ҳисоби 3 ҷузъи иқтидори саноатиро дар автореферат низ нишон диҳад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва меъёрҳои баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст. Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишкада оид ба самти илми дахлдор дастовардҳои назаррас дорад ва қодир аст, мутобиқати муҳтавои диссертатсияро ба ихтисос ва соҳаи илм муайян намояд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***коркард намудани:*** мукаррароти назариявии мафҳумҳои иқтидори саноатӣ, методикаи арзёбии иқтидори саноатӣ, мутобиқсозии консепсияҳои муосир ва дастовардҳои олимони хориҷиву ватанӣ ва таҳияи чораҳо оид ба баланд бардоштани самаранок истифодабарии иқтидори саноатӣ бо мақсади ба даст овардани суръати устувори рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа зоҳир мегардад.

- ***пешниҳод намудани:*** арзёбии иҷтимоӣ-иқтисодии иқтидори саноатӣ дар шароити муосир ба кам кардани хавфҳои иқтисодӣ мусоидат менамояд ва ҳамчунин дар шароити муосир аз хавасмандгардонии иқтисодии ин чараён иборат мебошад.

- ***исбот шудааст***, ки методҳои омӯзиши иқтидори саноатӣ, истифодаи усули интегралӣ барои инъикос нишондиҳандаҳои маҷмӯавии иқтидори саноатӣ мегардад, яъне: - имкониятҳои захиравии истеҳсолӣ (ҳаҷми маҳсулоти рақобатпазир); имкониятҳои инноватсионӣ (маҳсулотҳои экологӣ ва каммасраф) ва имкониятҳои идоракунӣ (паст кардани хароҷотҳои маъмурӣ) мебошад.

- ***ҷорӣ намудани*** тағйирот ба мафҳуми таҳқиқот, ки тибқи он "иқтидори саноатии минтақавӣ – ин маҷмӯи захираҳои истеҳсолӣ, табиӣ, молиявӣ, инсонӣ, иншоотҳои инфрасохторӣ, институтсионалӣ, инноватсионӣ ва омодагии онҳо, ки барои таъмини рушди соҳаи саноатӣ нигаронида шуда, дар баланд бардоштани некӯаҳволии иқтисодии ҳудуди алоҳидаи маъмурии маконӣ" мебошад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- ***исбот намудани*** зарурати таҳқиқоти самаранок истифодабарии иқтидори саноатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа, рушди қувваҳои истеҳсолкунандаи саноатӣ ва ба таври муайян истифода нашудани қувваи истеҳсолии корхонаҳои саноатии ватанӣ, ба таври кофӣ ташкил нашудани ҷойҳои корӣ дар соҳаи саноат, норасоӣ дар сармоягузории бахши мазкур, ба гардиш ворид нагаштани захираҳои истеҳсолии саноатӣ, рушд наёфтани соҳаи саноатие, ки ба коркарди ашёи хоми маҳаллӣ асос ёфтааст, инчунин рақобатпазир набудани маҳсулоти саноатӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ ва ғайра.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок** аз истифодаи методҳои умумии илмӣ: таҳлил, синтез, муқоисакунӣ, индуксия ва дедуксия, таҳлили оморӣ ва таҳқиқоти монографӣ ва ғайраҳо ***истифода бурданд***;

- ***баён шудани*** мухтавои назариявӣ ва методии таҳқиқи иқтидори саноатӣ- назарияи ҷомеаи саноатӣ, назарияи саноат, назарияи ҷойгиркунии истеҳсолоти минтақавӣ ва мафҳуми «иқтисодиёти саноатӣ» ва «иқтидори саноатӣ» .

- ***ошкор гардидани*** муаммоҳои нопурра истифодабарии иқтидори саноати минтақа дар асоси баҳогузории сатҳи воридшавии захираҳо ба ҷараёни такрористеҳсолот, сабабҳои ҷалби нопурраи иқтидори минтақаҳо дар истеҳсолоти молҳои саноати вилояти Суғд, таҳия намудани Барномаҳои рушди минтақавӣ барои ояндаи наздик ва дур мувофиқи мақсад аст.

- ***омӯхта шуданд:*** таҷрибаи хориҷии идоракунии иқтидори саноатии минтақа, аз он ҷумла: ташкилёбии иқтидори саноатӣ, сиёсати паст кардани тарофаҳои гумрукӣ, ҷомеаи сохторӣ, хароҷоти ками меҳнатӣ, инчунин ҷойгиршавии мусоиди ҷуғрофӣ ва сармоягузории хориҷӣ, раванди саноатикунонӣ (Куриёи Ҷанубӣ, Сингапур, Гонконг ва Тайван); ташкилёбии иқтидори саноатӣ, нассоҷӣ ва истеҳсоли шакар, таҷрибаи таҷҳизонидани техникӣ (Русия); ташкилёбӣ иқтидори баланди саноатӣ, содиротӣ ва таъсири коркарди саноатӣ (Узбекистон, Украина ва Беларусия); таҷрибаи саноатикунонӣ ва ташаккули иқтидори саноатӣ, таъминоти устуворӣ ва шуғли аҳолӣ, ташкил ва идоракунии раванди истеҳсолот, сиёсати зиддибӯҳронӣ (Ҷумҳурии Қазоқистон) мегардад.

- ***аз нав такмил додани*** услубҳои арзёбии иқтидори саноатии минтақа, алалхусус усули интегралӣ, ки таъсири нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ба маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ, ки арзёбии истифодабарии иқтидори саноатии вилояти Суғд: вазъ ва тамоюлҳои рушдро нишон медиҳад. Фарзияи таҳқиқот дар он аст, ки самаранок истифодабарии иқтидори саноатӣ рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Суғдро таъмин менамояд ва барои ҳалли ҳадафи 4-уми стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд. Амсилаи пешниҳодшуда ба самаранок истифодабарии иқтидори саноатӣ, афзоиши он таъсири мусбӣ мерасонад.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки:**

- ***коркард ва ҷорӣ карда шуданд:*** натиҷаҳои асосии таҳқиқотии диссертатсия аз ҷониби шӯъбаи энергетика ва саноати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд дар ҷараёни таҳия ва ба амал ҷорӣ намудани стратегияи рушди иқтисодӣ – иҷтимоӣ дар корхонаҳои саноатӣ (маълумотнома оид истифодабарӣ таҳти № 2891-1/11 аз 27 декабри соли 2021)ва ҳамзамон дар ҷараёни таълим дар МДТ “Донишгоҳи Давлатии Хуҷанд ба номи ак. Б.Ғафуров” (маълумотнома дар бораи татбиқ таҳти № 01/19325 аз 24 декабри соли 2021) истифода шудаанд;

– ***муайян карда шуданд***, ки самаранок истифодабарии иқтидори саноатии минтақа аз ҳавасмандӣ ва афзоиши сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ; тайёр намудани кадрҳои баландихтисос, муҳандисони саноатӣ;

ташкилкунии фаъолияти маркетингӣ барои рушди устувори иқтисодию иҷтимоии минтақа вобаста аст;

- ***офарида шуд:*** тавсифи умумии соҳаи саноатии минтақа: ҳолат ва муаммоҳо, истифодабарӣ ва афзоиши иқтидори саноатии минтақа ва баҳодиҳии иҷтимоӣ-иқтисодии иқтидори саноатӣ дар шароити муосир ва механизми самаранок истифодабарии он;

- ***муаррифӣ карда шуд:*** самтҳои афзалиятнокии ташаккул ва истифодабарии иқтидори саноатии вилояти Суғд: Ба амал баровардани дурнамои минтақаи саноатикунонии босуръат дар минтақа, Сиёсати саноатикунонии минтақа, Тиҷоратикунонии бахши саноатӣ, Рушди инфрасохтори саноатии минтақа.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назария*** дар асоси муқарраароти назариявию консептуалии иқтисодиёти минтақа, ҳамчунин соҳаҳои илм оид ба иқтидори саноатиро назарияҳои саноатӣ ва иқтидори саноатии иқтисодиёти минтақа, ҷомеаи саноатӣ,ташаккулёбӣ, афзоиш ва истифодабарии иқтидори саноат, имконияти идоракунии муносиби саноат дар таъмини рақобатпазирии минтақавӣ ва иқтисодиёти кишвар ва ғайраҳо коркард карда шудааст;

- ***ғояи*** таҳқиқот дар асоси барномаҳои давлатӣ, амалишавии ҳадафи 4-уми стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Саноатикунонии босуръат; "Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025": "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030; "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2021-2025"; дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, маводҳои конференсияҳои гуногун, маводи таҳлилӣ ва тадқиқотӣ, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, захираҳои иттилоотии шабакаи «Internet» ***асоснок шудааст;***

- рушди иқтисодии минтақа дар самаранок истифодабарии иқтидори саноатӣ ба назар мерасад, дар ин бобат далелҳои мушаххаси корхонаҳои саноатӣ дар таҳлилҳо ***истифода шудаанд***;

- ***муайян шудаанд:*** ғояҳои коркард, натиҷаҳои илмӣ дар натиҷаи таҳқиқи масъалаҳои истифодаи иқтидори саноатии минтақа ба дастовардҳои назарраси назариявӣ ва амалӣ, ки бештар ба сарчашмаҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки доир ба ин мавзӯъ таҳқиқоташон бахшида шудааст, мувофиқат мекунад;

- ҳар гуна усулҳои иқтисодии таҳлилӣ, усули муқоисакунӣ, таҳлили маълумоти оморӣ, таҳлил ва синтез, усули таҳлилии иқтисодӣ – математикӣ ва ҷадвали маводҳои аслӣ васеъ ***истифода шуданд.***

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

- интихоби мавзӯи илмӣ, сохтани нақшаи кори илмӣ, батартибдарорӣ аз рӯи нақшаи кор, коркарди навгонии диссератсия дар нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳод шудааст;
- иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар коркард, иҷроиш ва ҳалли нуктаҳои асосии кори илмӣ;
- интишори 12 мақолаи илмӣ аз рӯйи мавзӯи таҳқиқот, аз ҷумла 5 мақола дар нашриёҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ба тасвиб расонидани натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои илмӣ.

Дар маҷлис аз 8 октябри соли 2022 шӯрои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Файзиева Дилноза Изатуллоевнаро ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шӯрои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар доктордони илм оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 11 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шӯро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шӯрои диссертатсионии**
**6D.КОА-13, д.и.и., профессор** **Шарифзода Муъмин Машокир**

**Котиби илмии шӯрои**
**диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент** **Самадова Заррина Акрамҷоновна**

***8 октябри соли 2022***